**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Калимасозӣ яке аз муҳиммтари роҳҳои бой гардонидани таркиби луғавии забон ба шумор меравад. Дар бой гардонидани забон бо роҳи калимасозӣ аҳли қалам саҳми бузург мегузоранд. Шоирону нависандагон бо тақозои баёни матлаб ва ҳадафи ифодаи бадеии олами воқеӣ ва олами маънавии қаҳрамонони лирикӣ ва эпикӣ калимаҳои нав месозанд, ки дар забон ҳазм шуда, корбурди умумӣ пайдо мекунанд. Дар баробари ин, бисёре аз калимоти мураккаб бо тақозои пайдо шудани ашё ва мафҳумҳои гуногун арзи вуҷуд намуда, доираи васеи корбурдро дар забон касб мекунанд. Масъалаҳои калимасозии исм дар забоншиносии тоҷик мариди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта шудааст, бошад ҳам, аммо дар заминаи забони осори қаламкашони алоҳида ин масъла то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Диссертатсияи мазкур баррасӣ калимасозии исмро дар осори яке аз нависандагони маъруфи тоҷик Абдулҳамид Самад дар бар гирифтааст, ки аз мубрам будани мавзуи диссертатсия дарак медиҳад.

Калимасозӣ аз рӯйи усулҳо ба хелҳои гуногун ҷудо мешавад ва қолабҳои гуногунро дар бар мегирад. Пажуҳиши масълаи мазкур дар асоси осори ин ё он адиб нақши ҳамон адибро дар инкишофи забони адабӣ нишон медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб (бо фаслҳо), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Сохтори диссртатсия ба ҳадаф, вазифаҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат мекунад. Дар диссертатсия осори илмии забоншиносии умумӣ ва забоншиносии тоҷик оид ба калимасозӣ мавриди истифода қарор дода шудааст, ки аз заминаи қавии назариявии диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Боби якуми диссертатсия “Таҳқиқи масоили назариявии калимасозӣ ва инъикоси роҳи морфологии калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад” аз ду фасл иборат аст, дар фасли аввал дар асоси осори назариявии забоншиносии умумӣ масъалаҳои калимасозӣ ва низоми он дар таркиби луғавӣ ва морфологии забон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар фасли минбаъда роҳи морфологии калимасози таҳлил шуда, калимасозӣ бо пешванд ва пасвандҳо дар асоси осори нависанда таҳқиқ шудааст. Дар ин замина вазифаи пасвандҳо аз ҷиҳати иштирок дар сохтани исмҳои гунгунмаъно нишон дода мешавад. Муаллиф исмҳое, ки ба воситаи пасвандҳо шакл гирифтаанд, ба исмҳои шахс, исмҳои ифодакунандаи ашё, исмҳои макон ва исмҳои маънӣ ҷудо намудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Роҳҳои калимасозии лексикӣ-семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ дар осори Абдулҳамид Самад” ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли аввали ин боб масъалаи назариявии роҳҳои номбурдаи калимасозӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бо роҳи лексикӣ-семантикӣ тавассути сермаъно шудани калимаҳо калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд. Диссертатсия дар асоси санъатҳои бадеӣ: маҷоз, ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, тавсиф, ташхис ва ғайра маънои маҷозӣ касб намудани калимаҳоро нишон медиҳад, ки чунин воҳидҳои нави луғавӣ арзи вуҷуд намудаанд.

Фасли алоҳидаи боби мазкур ба масъалаи исмшавии ҳиссаҳои гуногуни нутқ бахшида шудааст, ки исмшавии сифат, исмшавии шумораҳо, исмшавии феълҳо ғайритасрифӣ, исмшавии сифатҳои феълӣ, исмшавии масдар мавриди таҳлилу барраси қарор гирифтааст.

Дар боби сеюми рисола роҳҳои сохташавии калимаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ аз назар гузаронида шудааст ва аз 6 фасл иборат аст. Дар фаслҳои боби мазкур роҳҳо ва қолабҳои исмҳои мураккаби пайваст ба се гурӯҳ ҷудо шуда, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фаслҳои минбаъдаи боби мазкур исмҳои мураккаби тобеъ аз ҷиҳати муносибати компонентҳо, қолабҳо ва таркиби морфологӣ ба гурӯҳҳо ҷудо шудаанд, ки чунин зерфаслҳоро дар бар гирифтааст: исмҳои мураккабе, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд, исмҳои мураккабе, ки аз исму асосҳои феълӣ таркиб ёфтаанд, исмҳои мураккабе, ки аз исму асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтаанд, исмҳои мураккабе, ки аз исму сифати феълӣ таркиб ёфтаанд, исмҳое, ки аз сифату исм таркиб ёфтаанд, исмҳои мураккабе, ки аз шумора ва исм таркиб ёфтаанд, исмҳои мураккабе, ки аз сифат ва замони ҳозираи феъл таркиб ёфтаанд, исмҳои мураккаби сеҷузъа, пасванддор ва мураккаби омехта.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдлуҳамид Самад” дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ 25 мақола ба табъ расонидааст, ки 11 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидаанд, ки мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Дар баробари ин, чанд масълаи баҳснок ва камбудӣ, ки дар автореферат мушоҳида кардем, зикри баъзе аз онҳоро ҷоиз медонем:

1. Тафовут байни имҳои мураккаби пасванддор ва исмҳои мураккаби омехта он қадар барҷаста нишон дода нашудааст. Масалан: *футболбозӣ* (исми мураккаби пасванддор), *кӯчагардӣ* (исми мураккаби омехта)
2. Ба неологизмҳои услубии хоси нависанда, ки бо роҳи калимасозӣ шакл гирифтаанд, таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст.
3. Ба назари мо дар ҷумлаи *“Ҳеҷ кас ҷилави аспи чӯбини бодпоро гардонида натавонист”* ибораи ***аспи чӯбини бодпо*** на ба маънои ***тобут,*** балки ба маънои умумии ***марг*** омадааст (с. 17).

Мулоҳизаҳои дар боло зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқоти Валиев Ҷ. А. асари илмии ба анҷомрасидае мебошад, ки яке аз масъалаҳои муҳимми забони нависандаи маъруфи тоҷик Абдулҳамид Самадро дар бар гирифтааст.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Офаридаев Назрӣ, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикии

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Имзои Офаридаев Назриро тасдиқ мекунам:

Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.

Суроға: 736000 ВМБК, ш. Хоруғ, к. Шоҳтемур, 109.

E-mail: ofarida_n@mail.ru тел.: +9929393140322

29. 05.2023